Ба Шурои диссертатсионии **6D.KOA-012** назди
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе,
кӯчаи Деҳотӣ, $^1/_2$)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Гулов Искандар Хасанович дар мавзуи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 яке аз вазифаҳои стратегӣ вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул муайян карда шудааст, ки дар он афзун намудани теъдоди ҷойҳои корӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ дар маддӣ аввал меистад.

Аз байн бурдани камбизоатӣ, инчунин ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ бо мақсади рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоӣ, вазифаҳои асосӣ ва шартҳои ҳаётан муҳимми рушди устувори инсон дониста мешавад. Набудани ҷои кор, манзили мусоид, марказҳои гармидиҳӣ ва системаҳои доимии иртиботи роҳ, рушди нокифояи системаи тандурустӣ дар деҳот, коҳиши воқеии сатҳи хизматрасонии тиббӣ, хурӯҷи бемориҳои гуногун ба ҳолати иҷтимоию меҳнатии аҳолӣ таъсири ҷиддӣ расонида, боиси муҳоҷирати сокинон ба дохил ва хориҷи кишвар гардид, ки аз камбудиҳои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ далолат менамояд. Маҳз таҳқиқи ин масъалаҳо мубримияти диссертатсияи мазкурро муайян менамояд.

Муаллиф, дар доираи таҳқиқоти худ таърифи худро доир ба моҳияти сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ додааст, ки таърифҳои додаи олимонро то дараҷае пурра менамояд. Принсипҳои таҳияи сиёсати иҷтимоиро дар намуди ҷадвал тасвир намудааст, ки метавонад ҳангоми гузаронидани дарсҳои назариявӣ истифода бурда шавад. Таҷрибаи механизмҳои таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар мамлакатҳои рушдкарда ва мамлакатҳои дар ҷараёни гузаштан ба иқтисодиёти

бозориро таҳқиқ намуда, истифодаи таҷрибаи дастгирии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири шаҳрвандон бо маблағгузории тавассути барномаҳои иҷтимоии Россия, муҳайё намудани шароити моддӣ барои волидони худи шаҳрвандони Ҷумҳурии Халқии Чин, сиёсати шуғл ва ҳалли мушкилоти бекорӣ, таъмини стандарти миллии сифати зиндагии Қазоқистонро барои таҳияи сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатии Тоҷикистон тавсия намудааст.

Ба ҳолати муосири сиёсати иҷтимоию меҳнатии вилояти Хатлон баҳо дода, сабабҳои асосии иҷро нагаштани барномаҳои давлатии рушди иҷтимоӣ-иктисодии вилояти Хатлонро муайян намудааст, ки ислоҳи онҳо метавонад ба рушди иҷтимоию меҳнатии минтақа саҳмгузор бошад.

Муаллиф, таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои минтақавии «Рушди инфрасохтори иҷтимоию меҳнатии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2030», «Рушди агротуризм», «Майдончаҳои хурди варзишӣ» чун омили баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ донистааст.

Исбот карда шудааст, ки барои рушди сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар мадди аввал ташаккули системаи шарикии иҷтимоии давлат ва бахши хусусӣ меистад ва амсилаи тақсимоти захираҳо байни давлат ва бахши хусусӣ ва амсилаи молиявии ташкили ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ пешниҳод карда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар автореферати диссертатсия камбудиҳо низ дида мешавад.

Ба назари муқарриз, агар муаллиф механизмҳои иҷрои барномаҳои пешниҳодкардаи худро бо далелҳо исбот менамуд, аҳамияти илмии диссертатсия афзун мегашт.

Вале, ин камбудии дар автореферат ҷойдошта ҷузъӣ буда, арзишмандии илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодаи муаллифро коҳиш намедиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Гулов Искандар Хасанович дар мавзуи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Гулов Искандар Хасанович сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мебошад.

Муқарриз,
н.и.и., дотснт, ходими пешбари илмии
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академия миллии илмҳои Тоҷикистон Бобоев А.А.

Имзои Бобоев А.А-ро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академия миллии илмҳои Тоҷикистон Қурбонов Э.Т

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ,44.
Тел: 917301003
E- mail:anvar.boboev2016gmail.com